«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент, генерал-майори милитсия
_____Насуриён П.А.
«12» ____11.____ соли 2026

ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод шудааст

Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.

Диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) пешниҳод гардидааст, аз рӯйи самти илмӣ, предмет, мақсад ва муҳтавои таҳқиқот ба доираи масъалаҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология ва ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ пурра мутобиқат менамояд. Мавзуи интихобшуда ба масъалаҳои назариявӣ ва амалии танзими ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), инчунин ба масъалаҳои бандубасти дурусти чунин кирдорҳо ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудааст.

Мазмун ва самти умумии диссертатсия ба талаботи шиносномаи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқ буда, масъалаҳои таҳқиқшуда ба самтҳои муҳимми илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, аз ҷумла тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таркиби тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), фарқгузории таркибҳои ҳамҷавор, омӯзиши аломатҳои объективӣ ва субъективӣ, таҳлили аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунандаи ин

ҷиноятҳо, инчунин таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ дахл доранд.

Мубрамии мавзуи таҳқиқ. Ворид гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба низоми муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ ва дигаргунсозии механизмҳои бозорӣ зарурати навсозии заминаи меъёрию ҳуқуқиро, ки барои таъмини ҳимояи манфиатҳои иқтисодии давлат пешбинӣ шудааст, ба эътибор мегирад. Дар ин ҳолат, тақвияти танзими ҳуқуқии сегментҳои гардиши пулию қарзӣ муҳим аст: ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири инфрасохтори бозор, онҳо ба устувории соҳаҳои асосии иқтисодиёти миллӣ, аз ҷумла бахши кишоварзӣ таъсири назаррас мерасонанд. Дар ин шароит, таъмини ҳимояи боэътимод аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, рушди ҳамаҷонибаи ҳам фишангҳои мавҷуда ва ҳам нави ҳуқуқии ҷиноятиро талаб мекунад.

Мубрамии таҳқиқоти мазкур бо он асоснок мегардад, ки дар байни воситаҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҳифзи муомилоти пулию кредитӣ меъёри м. 281 КҶ ҶТ, ки ҷавобгариро барои «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» пешбинӣ намудааст, ҷойи муҳимро ишғол менамояд. Аҳаммияти он ба зарурати ҳифзи устувории низоми молиявӣ ва таъмини эътимод ба воситаҳои пардохт вобаста аст. Дар шароитҳои кунунии иҷтимоию иқтисодӣ, ин кирдор хусусияти ба ҷамъият хавфнкиро ҳамчун падидаи бузурге, ки аз марзҳои миллӣ берун баромадааст, ба вуҷуд овардааст. Амалҳои ғайриқонунӣ дар соҳаи зикршуда барои манфиатҳои давлатӣ ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати иқтисодӣ хатари ҷиддӣ доранд. Онҳо ҳуқуқҳои бо қонун кафолатдодашудаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро, ки ба фаъолияти хоҷагидорӣ ҷалб шудаанд, поймол мекунанд, фаъолияти низоми пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ноором месозанд ва як қатор тартиботи гузаронидани амалиётҳои байналмилалии асъорро вайрон мекунанд.

Қайд мегардад, ки нигаронии махсус аз бартарияти шаклҳои муташаккили фаъолияти ҷиноятӣ, аз ҷумла миқёси фаромиллӣ дар соҳаи сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ мебошад. Чунин иттиҳодияҳои ҷиноятӣ пайваста нақшаҳои ғайриқонуниро, ки ба ноором кардани фишанги асъорӣ-қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вайрон кардани устувории ҷараёни байналмилалии асъор нигаронида шудаанд, навсозӣ мекунанд. Динамикаи афзояндаи ҷиноятҳои марбут ба сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муқаррароти стратегии сохторҳои ҷиноятии фаромиллиро инъикос мекунад. Мақсадҳои онҳо аз чорчӯбаи ба даст овардани фоида тавассути амалиёти молиявии пинҳонӣ берун мебароянд, яъне бо вайрон кардани

механизмҳои гардиши пулии нақдӣ ва ғайринақдӣ, онҳо асосҳои низоми молиявиро мақсаднок суст мекунанд. Чунин амалҳо ба амнияти иқтисодии ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунанд, ва онҳоро ҳадафмандона ноором мекунанд. Азбаски муқовимат ба ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳукумати Тоҷикистон ба ҳисоб меравад, коркарди низомноки ҳам заминаи меъёрӣ ва ҳам воситаҳои амалии мубориза бо сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ муҳим мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, зарурати гузаронидани таҳқиқоти ҳуқуқии ҷиноятӣ оид ба масъалаҳое, ки то ҳол дар корҳои илмӣ таҳлил нашудаанд, ба миён меояд. Коркардҳои илмии мавҷуда як қатор мушкилоти баҳсноки ин соҳаро пурра ошкор намекунанд, бинобар ин талабот ба таҳқиқоти бунёдӣ ба миён омадааст, ки имкон медиҳад танзими ҳуқуқӣ ва амалияи истифодаи меъёрҳои дахлдор ба таври муназзам дарк карда шаванд. Аз ҷумла, омӯзиши монографии масъалаҳои ҷавобгарӣ барои қалбакӣ сохтани пул метавонад камбудиҳои мавҷударо дар таълимоти ҳуқуқии ҷиноятӣ пурра кунад.

Ҳамин тариқ, мавзуи диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом ба масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда, ба эҳтиёҷоти воқеии рушди қонунгузории ҷиноятӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаю пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд.

Дараҷаи асоснокии гузориши илмӣ, хулосаҳо ва пешниҳодҳои диссертант дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дорад. Муаллиф мақсад ва вазифаҳои таҳқиқро ба таври возеҳ муайян намуда, таҳқиқоти худро ба таҳлили мукаммали қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ, адабиёти илмии ватанӣ ва хориҷӣ, инчунин таҳлили муқоисавии қонунгузории як қатор давлатҳои хориҷӣ асос намудааст.

Дар кори диссертатсионӣ усулҳои гуногуни таҳқиқ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ ва таҳлили амалияи судӣ истифода шудаанд. Бо такя ба ин методология, диссертант масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла омӯзиши таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлили ҷузъии аломатҳои муқаррарнамудаи қонуни ҷиноятӣ оиди тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлили қонунгузории ҷиноятии баъзе аз давлатҳои хориҷӣ дар масоили танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва

ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), омӯхтани парвандаҳои ҷиноятии бо ин ҷиноят алоқамандбуда, ҷамъ овардан ва омӯхтани маълумотҳои оморӣ оид ба сатҳи содиршавии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро, ба роҳ мондааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқотро таҷрибаи Суди Олии ҶТ; маълумоти омории Сармаркази иттилоотӣ-таҳлилии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи вазъ ва динамикаи ҷиноятҳои корӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи аз соли 2010 то 11 моҳи соли 2025; натиҷаҳои таҳқиқоти мушаххаси сотсиологии муаллифони дигар, ташкил медиҳанд. Дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ муаллиф 98 парвандаи ҷиноятиро дар бораи ҷиноятҳои пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ омӯхтааст. Истифодаи чунин мавод имконият додааст, ки хулосаҳои назариявии муаллиф бо талаботи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ пайваст карда шаванд. Пешниҳодҳои диссертант оид ба такмили моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мантиқи умумии таҳқиқ мувофиқ буда, дорои асоси илмӣ ва амалии қобили қабул мебошанд.

Хулосаҳои муаллиф пайдарҳам, мантиқӣ ва бо мазмуни таҳқиқот алоқаманд мебошанд. Дар маҷмуъ, пешниҳодҳои дар диссертатсия овардашуда метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии ҳифзи муносибатҳои пулию қарзӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ, истифода шаванд.

Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳияти натиҷаҳои гирифташуда.

Навгонии илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф масъалаҳои ҷавобгариро барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар доираи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври комплексӣ ва низомнок таҳқиқ намудааст. Ғайр аз ин, навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки таҳқиқоти мазкур аввалин кӯшиши сохтани модели назариявии сохторӣ дар илми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мебошад.

Тибқи натиҷаҳои таҳлили ҳамаҷонибаи ҳуқуқии ҷиноятӣ дар доираи таҳқиқоти диссертатсионӣ, бо назардошти воқеиятҳои мубрами сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ, муайян кардани детерминантҳои калидӣ, ки ба самаранокии фишангҳои ҳуқуқии муқовимат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир мерасонанд, муяссар гардидааст.

Саҳеҳият ва боэътимодии натиҷаҳои бадастомада бо истифодаи усулҳои илмии пазируфташуда, таҳлили қонунгузории амалкунанда,

омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ таъмин гардидааст. Натиҷаҳои илмии таҳқиқ дар нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии диссертатсия таҷассум ёфта, бо талаботи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва вазифаҳои такмили қонунгузории миллӣ мувофиқат мекунанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.

Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он ба рушди минбаъдаи назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар самти омӯзиши ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), мусоидат менамоянд. Дар диссертатсия таҷрибаи ҳуқуқии байналмилалӣ ва хориҷии муқовимат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), истифода шудааст. Инчунин дар рисолаи илмӣ маводи таърихӣ оиди ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлил гардидааст.

Аҳаммияти амалии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар раванди қонунгузорӣ ҳангоми такмили қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ дар самти баланд бардоштани самаранокии ҳифзи муносибатҳои пулию қарзӣ аз таҷовузҳои ҷиноятӣ истифода шаванд. Пешниҳодҳои таҳияшуда дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, махсусан мақомоти тафтишотӣ ва судӣ бо мақсади ҳалли дурусти масоил оид ба татбиқ намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо нисбати ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), мусоидат карда метавонанд.

Маводи диссертатсия, инчунин метавонад дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ, ҳангоми омӯзиши фанни «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», курсҳои махсуси «Ҷиноятҳо ба муқобили моликият» ва «Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ», истифода шавад.

Аҳаммияти иҷтимоии натиҷаҳои таҳқиқ бо он муайян мегардад, ки такмили қонунгузорӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ дар ин самт ба коҳиш додани латентнокии чунин ҷиноятҳо мусоидат менамояд.

Аҳаммияти иқтисодӣ бошад, дар он зоҳир мегардад, ки пешгирии ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти давлатӣ метавонад ба баланд бардоштани макроиқтисодиёт ва сармоягузор дар давлат, мусоидат менамояд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Исматзода Рустам Абдусалом бо истифодаи методологияи илмӣ ва методикаи таҳқиқот, муносибати комплексӣ ба раванди ҷамъоварӣ ва таҳлили маводи эмпирикӣ таъмин карда шудааст. Муаллиф дар раванди таҳқиқ аз усулҳои мантиқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатӣ, оморӣ истифода намуда, масъалаҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додааст.

Илова бар ин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ бо он тақвият меёбад, ки муаллиф масъалаҳои назариявиро бо мушкилоти воқеии амалияи тафтишотӣ ва судӣ пайваст намуда, танҳо ба таҳлили меъёрҳои қонунгузорӣ маҳдуд нашудааст. Дар диссертатсия ҳолатҳои баҳсталаби бандубасти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), фарқгузории ин ҷиноят аз дигар ҷиноятҳои ба он монанд ва зарурати такмили меъёрҳои амалкунанда бо далелҳои ҳуқуқӣ асоснок карда шудаанд. Ин равиш нишон медиҳад, ки хулосаҳои муаллиф хусусияти назариявии холис надошта, ба эҳтиёҷоти амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ нигаронида шудаанд.

Дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ бо таҳлили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан меъёрҳои марбут ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), инчунин бо омӯзиши таҷрибаи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва мавқеъҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ тасдиқ мегардад. Муаллиф хулосаҳои худро бо таҳлили назариявӣ, муқоисаи қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва баррасии масъалаҳои амалии бандубасти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), асоснок намудааст.

Асоси эмпирикии таҳқиқро маводи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судӣ, маълумоти оморӣ ва таҳлили зиёда аз 98 парвандаи ҷиноятӣ оид ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ташкил медиҳанд. Истифодаи чунин мавод имкон додааст, ки натиҷаҳои илмии бадастомада на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ, балки аз нуқтаи назари амалӣ низ асоснок гарданд.

Хулосаҳо ва пешниҳодҳои муаллиф, аз ҷумла оид ба такмили моддаи 281 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз мазмуни таҳқиқ бармеоянд ва бо мақсаду вазифаҳои гузошташуда мувофиқат мекунанд.

Ҳамин тариқ, дараҷаи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи зарурии илмӣ қарор дошта, натиҷаҳои бадастомада метавонанд дар такмили қонунгузории ҷиноятӣ, амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ истифода шаванд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.

Саҳми шахсии Исматзода Рустам Абдусалом дар таҳқиқот аз навгониҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, инчунин нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда, ки дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо дар маводҳои конфронсҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нашр шудаанд, муайян карда мешавад. Саҳми шахсии муаллиф дар услуби баён, тарзи навиштан ва муносибати таҳлилии мушкилоти гузошташуда зоҳир мешавад. Дар рафти таҳқиқот муаллиф санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дахл доранд, муфассал таҳлил намудааст. Муаллиф инчунин хусусият ва дараҷаи барои ҷамъият хавфнокии ин ҷиноятро дар заминаи рушди муосири ҷомеа тавсиф карда, таркиби ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро муфассал таҳлил кардааст. Дар диссертатсия инчунин тавсияҳои амалӣ ва назариявӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва амалияи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки ба ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) бахшида шудаанд, пешниҳод карда мешаванд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳои довталаб дар конфронсҳои илмӣ инъикос ёфтаанд. Ҳамин тариқ, саҳми шахсии Исматзода Рустам Абдусалом дар таҳқиқи диссертатсионӣ назаррас буда, дорои хусусияти мустақили илмӣ ва асоснок мебошад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии Исматзода Рустам Абдусалом дар 9 мақолаи илмӣ инъикос гардидаанд. Аз ҷумла, 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ва тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ ба нашр расидаанд.

Дар мақолаҳои нашршуда масъалаҳои асосии мавзуъ, аз ҷумла ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), хусусиятҳои объекти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таърихи ташаккули сохтакории пул ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои

тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ва ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматнои қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд, тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ҳамчун яке аз шаклҳои ҷиноятқории муташаккили фаромиллӣ, предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), баррасӣ шудаанд.

Теъдод ва сатҳи маводи чопшуда ба банди 10 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи соли 2026, №591 тасдиқ шудааст, пурра мутобиқ мебошад.

Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он. Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.

Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» таҳқиқоти анҷомёфта, мустақил ва дорои аҳаммияти назариявию амалӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия ба мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқат намуда, масъалаҳои асосии марбут ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаро мегирад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи масъала, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети он, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда ба таври пайдарҳам ва мантиқӣ баён гардидаанд. Муаллиф зарурати таҳқиқро бо хусусияти баҳсбарангези масъалаҳо оид ба моҳияти ҳуқуқӣ ва бандубасти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), асоснок менамояд.

Сохтори рисолаи илмӣ бо мантиқи вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот муайян гардида, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳафт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат аст. Диссертатсия аз 178 саҳифа иборат аст.

Боби якум таҳти унвони «Табиати ҳуқуқӣ-иҷтимоии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ба таҳлили таърихи ташаккул ва инкишофи қонунгузории ҷиноятӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), заминаҳои иҷтимоии ҷавобгарии

ҷиноятӣ барои тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), бахшида шудааст. Дар ин боб муаллиф муаллиф таърихи пайдоиш ва паҳншаваии сохтакории пул ва коғазҳои қиматнокро аз давраи қадим то давраи навин нишон дода, муқарраршавии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои онро муайян намудааст. Махсусан қайд мегардад, ки пайдоиши аввалин ҳолатҳои маъмули сохтакории нишонаҳои пулии қалбакӣ (сохта) ба асри II то милод рост меояд. Тангаҳое, ки дар замони ҳукмронии шоҳи Парфия Митридат I (тақрибан 123-87 сол пеш аз милод) дар Парфияи Қадим чоп карда мешуданд, предмети сохтакорӣ ба ҳисоб мерафтанд. Дар ҳамин давра усул ва роҳҳои махсуси санҷиши аслӣ будани тангаҳои нуқра, ки дар муомилот буданд, пайдо шуданд. Барои ин корд истифода бурда, аз танга як пораи хурдро меканданд. Аз ҷои буриш муайян кардан мумкин буд, ки танга аслӣ аст ё қалбакӣ.

Муаллиф баён медорад, ки «зимни таҳлил бояд ба назар гирифт, ки ҳама гуна ҷомеа системаи мураккаби ҳамкорӣ мебошад, ки дар он одамон бо муносибатҳои гуногун, шаклҳои ҳамкорӣ ва робитаҳои иҷтимоӣ бо ҳам алоқаманданд. Тавре ки таҷрибаи таърихӣ нишон медиҳад, амалияи сохтакории пулҳо ва коғазҳои қиматноки қалбакӣ бо системаи амалкунандаи самтҳои арзиш ва муқаррароти меъёрӣ дар ҷомеа ҷудонопазир аст: маҳз онҳо чаҳорчӯбаи рафтори иҷозатдодашударо муайян мекунанд ва ангезаҳо, инчунин моделҳои амалҳои шахсони алоҳида ва гурӯҳҳои ба чунин амалҳои ғайриқонунӣ алоқамандро муайян мекунанд» (саҳ.40).

Боби дуюм «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» ном дошта, дар он аломатҳои объективии таркиби ҷинояти зикршуда таҳлил шудаанд. Муаллиф объект, предмет ва тарафи объективии тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)-ро баррасӣ менамояд.

Муаллиф ба таври асоснок зикр месозад, ки «муайян кардани муомилоти пулӣ-қарзӣ ҳамчун объекти ҷиноят дар тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта), ки таъйирёбии нақши пул ва таъсир ба манфиатҳои миллӣ ва байналмилалиро ба назар мегирад, ба назари мо, ба фаҳмиши дурусти таркиби тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) мусоидат мекунад» (саҳ. 71).

Инчунин муаллиф қайд менамояд, ки дар ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ мавҷудияти объекти бевоситаи иловагӣ шубҳанок аст. Тайёр кардани пули қалбакӣ худ аз худ ҳуқуқи моликияти

харидоронро вайрон намекунад. Вайронкунӣ танҳо ҳангоми кӯшиши истифодаи пули қалбакӣ ҳамчун воситаи пардохт рух дода метавонад. Ҳамин тариқ, метавон хулоса кард, ки ҷинояти пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ на ин ки бо мавҷуд будани объекти бевоситаи иловагӣ, балки бо мавҷуд будани таҳдиди эҳтимолии вайрон кардани ҳуқуқҳои молумулкӣ, тавсиф мегардад (саҳ. 72).

Муаллиф муайян менамояд, ки мувофиқи м. 281 КҶ ҶТ, ба сифати предмети ин ҷиноят билетҳои Бонки миллии Тоҷикистон, тангаҳои металлӣ, коғазҳои қиматнок бо асъори Ҷумҳурии Тоҷикистон, асъори хориҷӣ ва коғазҳои қиматнок бо асъори хориҷӣ баромад мекунанд (саҳ. 73).

Дар доираи таҳлили тарафи объективии ҷиноят муаллиф аниқ намуд, ки муайян кардани арзиши предмет барои аломати «миқдори калон», ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст ва муайян кардани он дар эзоҳ ба м. 283 КҶ ҶТ оварда шудааст, дар айни замон тавассути истифодаи усули маънидодкунии силсилавӣ, ки асосан ба мутахассисони соҳаи ҳуқуқшиносӣ маълум аст, амалӣ карда мешавад. Дар робита ба ин, барои самараноктар истифода бурдани аломати вазнинкунандаи «миқдори калон» муайян кардани мафҳуми он нисбат ба тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) на дар эзоҳи м. 283 КҶ ҶТ, балки бо роҳи дохил кардани эзоҳи алоҳида ба м. 281 КҶ ҶТ бо мазмуни зерин мақсаднок аст: «Таҳти мафҳуми миқдори калон дар моддаи мазкури ҳамин Кодекс чунин миқдоре ҳисобида мешавад, ки он аз андозаи нишондиҳанда барои ҳисобҳо як ҳазор маротиба зиёд бошад» (саҳ. 96).

Бо дарназардошти тавсифи комплексии аломатҳои тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда, муаллиф чунин мешуморад, ки кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ дар он ҳолате хотимаёфта эътироф мешавад, агар он бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани ҳадди ақал як нусхаи коғази қиматноки қалбакӣ ё нишони пулӣ, бо назардошти аломатҳои объективии муқаррарнамудаи таркиб ва хусусияти бандубастнамоии ҷиноятҳои нотамом, алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат, ба итмом нарасидани тайёр кардани воҳидҳои минбаъда ба бандубасти ҷиноят ҳамчун ҷинояти хотимаёфта монеъ шуда наметавонад (саҳ.97).

Боби сеюм таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии аломатҳои субъективӣ ва аломатҳои фарқкунандаи тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд» ба таҳлили тарафи субъективӣ ва субъекти ҷинояти зикршуда равона гардида, инчунин аломатҳои фарқкунандаи ин

ҷиноят аз таркиби ҷиноятҳои ба он монанд, зери таҳлил қарор гирифта шудаанд.

Ҳангоми таҳқиқи боби номбаршудаи диссертатсия, муаллиф изҳор медорад, ки таҳқиқи тарафи субъективии ҷинояти таҳлилшаванда таваҷҷӯҳи олимони зиёдро ба худ ҷалб кардааст, ки то ҳол оид ба таърифи он ба монандии ақидаҳо нарасидаанд. Таъкид карда мешавад, ки азбаски тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) ба гурӯҳи ҷиноятҳое дохил мешавад, ки таркиби расмӣ доранд, тарафи субъективии он бо назардошти маҷмӯи лаҳзаҳои зеҳнӣ ва иродавии ин намуди қасд нисбат ба ҷинояти таҳлилшаванда бо қасди бевосита ифода карда мешавад.

Муаллиф қайд менамояд,ки дар асоси м. 4 КҶ ҶТ (принсипи қонуният), «ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд». Аммо, он ҳолат ҳайратовар аст, ки қонунгузор дар КҶ ҶТ мафҳуми қасдро нисбати ҷиноятҳои бо таркиби расмӣ пешбинишуда, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ бештар паҳн шудаанд, пешбинӣ накардааст. Ворид намудани ислоҳот ба муқаррароти м. 28 КҶ ҶТ, ки таърифи қасдона содир намудани ҷиноятро танзим мекунад, асоснок ба назар гирифта мешавад, то ки хусусияти муносибати психологии шахси содиркунандаи кирдор ба нишонаҳои тарафи объективии ҷиноятҳо бо таркиби расмӣ ба назар гирифта шавад. Дар мавриди амалияи муосир, аз маънидодкунии илмии гуноҳ, чунин хулоса баровардан мумкин аст: мазмуни қасди бевосита ҳангоми содир кардани тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) дар он аст, ки шахс дарк мекунад, ки пул ё коғазҳои қиматноки қалбакиро тайёр мекунад ё ба муомилот мебарорад ва инро мехоҳад (саҳ. 100-101).

Бо дарназардошти муқаррароти м. 22 КҶ ҶТ, ки мафҳуми субъекти ҷиноятро мустаҳкам мекунад, муаллиф ба хулосае меояд, ки ба сифати субъекти таркиби пешбининамудаи м. 281 КҶ ҶТ шахси воқеии дилхоҳе, ки ба синни шонздаҳсолагӣ расидааст баромад мекунад, аз он ҷумла: шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрвандӣ. Дар ин ҳолат ҷойи содир шудани кирдор ба эътирофи шахс ҳамчун субъекти ин ҷиноят таъсир намерасонад (саҳ.138).

Дар маҷмуъ, диссертатсия ҳамчун таҳқиқоти анҷомёфта, мустақил ва дорои арзиши илмӣ арзёбӣ мегардад. Мазмуни кор ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои гузошташуда мутобиқ буда, қисмҳои он бо ҳам пайвастагии мантиқӣ доранд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом аз рӯйи сохтор, мазмун, тарзи пешниҳоди натиҷаҳо, мавҷудияти хулосаҳо ва тавсияҳои амалии таҳқиқот ба талаботи муқарраргардидаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Автореферат мазмуни асосии диссертатсияро инъикос намуда, дар он мақсад, вазифаҳо, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳо, тавсияҳо ва маълумот оид ба интишороти илмии довталаб ба таври кофӣ ифода ёфтаанд.

Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ. Таҳқиқоти анҷомдодаи Исматзода Рустам Абдусалом аз рӯйи мазмун ва самти илмӣ ба ихтисоси дархостшаванда 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мувофиқат менамояд. Довталаб дар раванди таҳқиқ қобилияти мустақилона таҳлил намудани масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалӣ, истифодаи усулҳои илмӣ ва пешниҳоди хулосаҳои асоснокро нишон додааст. Аз ин ҷиҳат, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмии дархостшаванда мувофиқ мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраршуда барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) таҳия гардида, мазмуни асосии кори таҳқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснок гардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.

Новобаста аз дастовардҳои илмӣ, асоснокии хулосаҳо ва аҳаммияти назариявию амалии диссертатсия, дар кори мазкур баъзе масъалаҳои баҳсталаб ва норасоиҳои ҷузъӣ ба назар мерасанд, ки онҳо сифати умумии илмии таҳқиқотро коста намегардонанд ва метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи муаллиф ба инобат гирифта шаванд:

1. Дар нуктаи 2-юми ба ҳимоя пешниҳодшаванда муаллиф қайд менамояд, ки барои баҳодиҳии дурусти кирдоре, ки дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бояд дараҷаи шабеҳияти ҳуҷҷати қалбакӣ бо ҳуҷҷати аслӣ муайян карда шавад. Дар ин ҳолат, асоснок карда шудааст, ки худи тарзи тайёр кардани пулҳои қалбакӣ ё қоғазҳои қиматнок, ба шарте ки сифати тасвир ва мавҷудияти ҳамаи унсурҳои ҳуҷҷат таъмин карда шавад, ба бандубасти ҷинояти тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) таъсир намерасонад, аммо

ҳангоми фардикунонии ҷавобгарӣ ва ҷазо бояд ба назар гирифта шавад. Дар ҳолатҳои ба таври возеҳ номувофиқатии пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ ба аслияти онҳо, ҳаракати шахс метавонад тибқи м. 247 КҶ ҶТ, яъне ҳамчун қаллобӣ бандубаст карда шавад (саҳ. 15). Аммо барои бандубаст намудани кирдорҳои зикршуда бояд пеш аз ҳама унсурҳои ҳуҷҷат аслӣ муайян карда шаванд. Вале уесурҳои мазкур дар ин маврид нишон дода нашудаанд. Хуб мешуд, ки ин унсурҳо ҳангоми ҳимояи ошкоро аз ҷониби муаллиф равшан карда мешуданд.

2. Дар банди "а" пешниҳодҳо оид ба квалификатсия (бандубаст) вобаста ба м. 281 КҶ ҶТ қайд гардидааст, ки дар натиҷаи таҳлили муфассали предмети тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё қоғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта) хулоса бароварда мешавад, ки коғазҳои қиматноки ғайриҳуҷҷатӣ ба сифати предмети ҷинояти мазкур баромад намекунанд. Вобаста ба ин, пешниҳод мегардад, ки қалбакӣ тайёр кардани саҳмияи ғайриҳуҷҷатӣ ҳамчун тайёрӣ ба ҷиноят, ки ҷавобгарӣ барои он дар м. 281 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, бандубаст карда шавад (саҳ. 16). Хуб мешуд, ки ҳангоми ҳимояи ошкоро пешниҳоди мазкур бештар асоснок гардад.

3. Дар банди "б" пешниҳодҳо оид ба квалификатсия (бандубаст) вобаста ба м. 281 КҶ ҶТ қайд гардидааст, ки бо дарназардошти тавсифи комплексии аломатҳои тарафи объективии ҷинояти таҳлилшаванда, муаллиф чунин мешуморад, ки кирдор тибқи м. 281 КҶ ҶТ дар он ҳолате хотимаёфта эътироф мешавад, агар он бо тайёр кардан бо мақсади ба муомилот баровардани ҳадди аққал як нусхаи коғази қиматноки қалбакӣ ё нишони пулӣ, бо назардошти аломатҳои объективии муқаррарнамудаи таркиб ва хусусияти бандубастнамоии ҷиноятҳои нотамом, алоқаманд бошад. Дар ин ҳолат, ба итмом нарасидани тайёр кардани воҳидҳои минбаъда ба бандубасти ҷиноят ҳамчун ҷинояти хотимаёфта монеъ шуда наметавонад (саҳ. 16). Аммо дар ин раванд чунин ҳолате ба миён омаданаш мумкин аст, ки агар дар манзили истиқоматии шахс асбобҳоро барои тайёр кардани пулҳои қалбакӣ дарёфт намуданд, аммо муайян гардид, ки шахс ҳоло ягон воҳиди пули қалбакиро бо ин асбобҳо тайёр накардааст. Пас, дар ин ҳолат саволе ба вуҷуд меояд, ки оё худи мавҷуд будани асбобҳои мазкур ба бандубасти ин ҷиноят таъсир мерасонад ё не, ва, агар таъсир расонанд банду баст аз рӯи кадом меъёри КҶ ҶТ сурат мегирад?

Эродҳои зикршуда хусусияти тавсиявӣ ва баҳсталаб дошта, ба арзиши умумии илмӣ, назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсири манфӣ намерасонанд.

Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.

Диссертатсияи Исматзода Рустам Абдусалом дар мавзуи «Тайёр кардан ё ба муомилот баровардани пул ё коғазҳои қиматноки қалбакӣ (сохта)» дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76–79 ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 августи 2026, №591 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Тақриз аз ҷониби номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон Аҳёзода Ш.Т. омода гардидааст.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология ва психологияи факултети №2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (протоколи №6 аз 12 ноябри соли 2026).

Дар ҷаласаи кафедра аз 14 нафар иштирок доштанд: 14 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор»- 14, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ:
Муовини сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм,
доктории илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмадҷонзода Р.Р.

Ташхисгар:
Профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Аҳёзода Ш.Т.

Котиби ҷаласа:
Муаллими калони кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ,
криминология ва психологияи факултети №2
Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, Файзализода Ф.С.

«Имзои Раҳмадҷонзода Р.Р., Аҳёзода Ш.Т. ва котиби ҷаласа Файзализода Ф.С.-ро тасдиқ менамоям»:
Сардори ШК Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
полковники милитсия Саидзода А.Р.

“13” 11 соли 2026

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон», 734012, ш. Душанбе, кӯчаи М. Мастонгулов 3; Тел.: (+992 37) 226-28-01; факс: (+992 37) 226-60-43. Веб сайт: www.avkd.tj. E-mail: academia@vkd.tj